КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ
НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

735140, ш.Душанбе, к.Шевченко, 39,
*тел.: (+992-37) 227-00-09, факс: (+992-37) 221-91-94,*
koa@vak.tj, www.vak.tj

№13/194 аз «17» 04 соли 2025
Ба № _____ аз «___» ____________ соли 202_

Ба муассисаҳои илмӣ
ва таҳсилоти олии касбии мамлакат

Баркияи №2 аз 16.04.2025

Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иттилоъ мерасонад, ки тибқи талаботи бандҳои 97 ва 98 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ҳангоми аз рӯйи натиҷаи ҳимояи диссертатсия қабул гардидани қарори мусбат ё манфӣ пас аз иҷрои расмиёти муқарраршуда, нусхаи парвандаи аттестатсионӣ оид ба дарёфти дараҷаи илмӣ барои нигаҳдорӣ бояд ба бойгонии муассиса супорида шавад.

Таҳлил ва пайгирии масъала нишон дод, ки вазъи нигаҳдории нусхаи парвандаҳои аттестатсионӣ нигаронкунанда ва ба талаботи муқарраршудаи пешбурди бойгонидорӣ ҷавобгӯ нест. Ҳолати мазкур бо дарназардошти зарурати истеҳсолӣ метавонад ҳангоми таҳлил ва омӯзиш мавриди эроди масъулин қарор гирад.

Дар ин робита, танзими нигаҳдории парвандаҳои аттестатсионӣ оид ба дарёфти унвонҳои илмӣ низ ба мақсад мувофиқ аст.

Аз ин рӯ, аз роҳбарони муассисаҳо ва масъулини шуроҳои диссертатсионӣ даъват ба амал оварда мешавад, ки нигаҳдории парвандаҳои аттестатсиониро тибқи муқаррарот ба роҳ монда, маълумоти зарурӣ доир ба маводҳои бойгонишуда то 01 июли соли ҷорӣ ба Комиссия манзур намоянд (маълумот дар шакли ҷадвалҳои замимашуда пешниҳод гардад).

Раис Давлатзода С.Х.

Ҷадвали 1. (Намуна)

Рӯйхати
парвандаҳои аттестатсионӣ оид ба дарёфти дараҷаи илмӣ, ки дар бойгонии
______________________________ нигаҳдорӣ шудаанд*.
(номи муассиса)

| № | Насаб, ном ва номи падар | Санаи воридшавии парванда | Рамзи ШД | Дараҷаи илмӣ | Самти илм | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | | | | | | |
| 2 | | | | | | |
| 3 | | | | | | |
| 4 | | | | | | |
| 5 | | | | | | |
| | | | | | | |
| | | | | | | |

***Эзоҳ: Маълумот аз соли таъсисёбии Шурои диссертатсионӣ то инҷониб.***

Ректор ______________________

Ҷ.М. Муовини ректор оид ба илм ва инноватсия ______________________

Масъули бойгонӣ ______________________